# СОЗИШНОМА

## байни Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат

Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки аз ин пас Тарафҳои Аҳдкунанда номида мешаванд,

ба мақсади дақиқ ва муайян намудани мавқеи нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат,

мувофиқи Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сарҳади давлатии Хитой ва Тоҷикистон аз таърихи 13 августи соли 1999, Созишнома байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Қирғизистон аз таърихи 4 июли соли 1996 ва Созишномаи иловагӣ байни Ҷумҳурии Халқии Хитой ва Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи сарҳади давлатии Хитой ва Қирғизистон аз таърихи 26 августи соли 1999,

ба мувофиқати зерин расиданд:

### Моддаи 1

Нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон, ки аз ин пас нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат номида мешавад, дар баландии бо нишонаи 6406-и қаторкӯҳҳои мовароӣ Олой воқеъ аст. Ин нуқтаи пайванд дар 2494 метр ба ғарбу шимоли ғарб аз баландии бо нишонаи 5318, ки дар

қаламрави Хитой воқеъ аст, дар 3007 метр ба шимоли шарқ аз баландии бо нишонаи 5834, ки дар қаламрави Тоҷикистон воқеъ аст ва дар 4374 метр ба ҷануби ғарб аз баландии бо нишонаи 4946, ки дар қаламрави Қирғизистон воқеъ аст, мавқеият дорад.

Нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат координатаҳои зерин дорад: ҷуғрофӣ – B = 39° 27′ 33,9″ арзи шимолӣ, L = 73° 36′ 03,5″ тӯли шарқӣ; росткунҷа – X = 4370535, Y = 13379573.

Мавқеияти нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат дар харитаи миқёси 1:50 000, ки дар якҷояги таҳия гардида, ба ин Созишнома пайваст шудааст ва ҷузъи ҷудонашавандаи онро ташкил медиҳад, бо доирачаи сурх нишон дода шудааст.

Масофаҳо ва нишонаи баландиҳо, инчунин координатаҳои ҷуғрофӣ ва росткунҷаи нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлат, ки дар ин модда зикр шудаанд, аз рӯи харитаи мазкур муайян гардидаанд.

Координатаҳо ва нишонаи баландиҳо дар системаи координатаҳои соли 1942 ва системаи баландиҳои Балтика оварда шудаанд.

## Моддаи 2

Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқат карданд, нуқтаи пайванди сарҳадҳои давлатии се давлатро дар маҳал аломатгузорӣ накунанд.

### Моддаи 3

Ин Созишнома аз рӯзи фиристодани вопасин иттилоияи хаттӣ дар бораи аз ҷониби Тарафҳои Аҳдкунанда иҷро гардидани тартиботи дохилидавлатӣ, ки барои эътибор пайдо кардани он зарурат доранд, эътибор пайдо мекунад.

Дар шаҳри Душанбе "5" июли соли 2000 дар се нусха, ҳар кадом ба забонҳои хитоӣ, тоҷикӣ, қирғизӣ ва русӣ таҳия шудааст.

Дар ҳолати ихтилоф дар тафсири ин Созишнома ТарафҳоиАҳдкунанда ба матнҳо ба забонҳои хитоӣ ва русӣ такя хоҳанд кард.

| АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ | АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН | АЗ ҶОНИБИ ҶУМҲУРИИ ҚИРҒИЗИСТОН |
| --- | --- | --- |
| 江泽民 | | |